# ИЁЛОТИ МУТТАҲИДАИ АМРИКО АМНИЯТИ МАРЗҲО ВА СОХТОРҲОИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ ТОҶИКИСТОНРО ТАҚВИЯТ МЕБАХШАД

**Душанбе, Тоҷикистон, 16 сентябри соли 2010 –** Сафир Кен Гросс ва Вазири корҳои хориҷӣ Ҳамрохон Зарифӣ Иловаи №10–ро ба Созишномаи байни ду ҳукумат оид ба мубориза алайҳи маводи мухаддир ва ҳамкории байни сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ба имзои расмӣ расониданд. Тибқи ин санад ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мубориза алайҳи маводи мухаддир ва қочоқи он ба Тоҷикистон, мустаҳкамкунии марзҳои Тоҷикистон ва кӯмак ба ислоҳоти соҳаи ҳифзи ҳуқуқ ва адлияи он тахминан 7 миллион доллар кӯмаки иловагӣ расонида мешавад.

Маблағи мазкур ба таъмини таҷҳизот барои қӯшунҳои сарҳадӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Вазорати корҳои дохила, Агентии назорати маводи нашъадор, Вазорати адлия ва Прокуратураи генералӣ ва якчанд агентии дигар равона мешавад. Ин маблағ инчунин ба густариши инфрасохтор ва такмили ихтисоси кормандони мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ масраф мешавад. Барномаи такмили ихтисос усулҳои мубориза алайҳи терроризм, ҷинояткорӣ, хариду фурӯши одамон ва қочоқи маводи мухаддир, омӯзиши забони англисӣ, таҳияи барномаҳои таълимӣ ва усулҳои таълимиро дар бар мегирад. Маблағ ба харидории таҷҳизоти муосири криминалистӣ ва барномаҳои таълимии дахлдор низ равона мешавад.

Қаблан сафорати ИМА посбонгоҳи сарҳадии Хирманҷоро таъмир намуд, ки моҳи июли соли 2010 ифтитоҳ бахшида шуд ва Академияи ВКХ ва Академияи марзбононро тармиму таҷдиди пурра намуд. Сафорат барои ҳуқуқшиносони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои таълимиеро маблағгузорӣ намудааст, ки аз ҷониби коршиносони варзидаи ҳуқуқи байналмиллалӣ гузаронида шудааст ва инчунин сафари кории намояндагони сохторҳои ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистонро ба Дубаи маблағгузорӣ ва ташкил намудааст, ки дар натиҷаи он 27 зарардидаи хариду фурӯши одамон ба ватан баргардонида шудаанд.

Ҳукумати Иёлоти Муттаҳида омода аст кӯмаки худро ба мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон давом диҳад ва интизори ҳамкориҳои давомдор дар татбиқи лоиҳаҳои оянда мебошад. Бо ин кӯмак Барномаи Сафорати ИМА оид ба муборизаи байналмиллалии алайҳи маводи мухаддир ва ҳамкории мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ аз соли 1992 ба маблағи умумии беш аз 44 миллион доллари амрикоӣ ба соҳаи амнияти Тоҷикистон, волоияти қонун ва мубориза алайҳи маводи мухаддир таъмин намудааст.